«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
доктори илмҳои биологӣ,
профессор ____________
Давлатзода С. Х.
"___" ____________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиётӣ тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад:

– банди 4.1. Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, таҳқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ;

– банди 4.1.1. Муайян намудани шароити некбинона ташаккули шахсият дар раванди таълим;

– банди 7.1. Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муасссисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навгониҳои педагогӣ.

*Мубрамии мавзуи таҳқиқот.* Рушди инсонгароёнаву демократикунонии ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаи маориф, ки воситаи тавонои таълиму тарбия маҳсуб меёбад, иртиботи қавӣ дорад. Ташаккул ва рушди таҳаммулпазирӣ дар системаи маориф яке аз воситаҳои муассир ва объективии таълиму тарбияи насли наврас ва, умуман, ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад. Таълиму тарбия ба татбиқи принсипҳои ҳамидаи инсонӣ, дарки ҳуқуқи инсон ва масъулияти

шаҳрвандӣ, қобилияти муоширати байнишахсӣ ва омодашавии насли наврас ба зиндагии намунавию бомасъул дар фазои гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ такя мекунад.

Аз ин лиҳоз, дар доираи таълими фанни “Адабиёти тоҷик” баррасӣ шудани роҳҳои ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII-ро муҳаққиқ дар доираи масоили педагогиву психологӣ басо мубрам арзёбӣ намудааст, чунки ин давраи синну солро муҳаққиқон дар доираи фанҳои педагогӣ ба давраи булуғ ё худ бабалоғатрасӣ иртибот додаанд. Чунки, маҳз дар ин айём наврасии хонандагон оғоз ёфта, “Ман”- и онҳо бештар ҳукм пайдо мекунад. Аз ин ваҷҳ, муаллиф дар ҷодаи тарбияи насли наврас, ҳамчун яке аз воситаҳои корсозу нишонрас, истифода кардан аз осори адабӣ, бахусус, аз асарҳои ҳикматомези классикони адабиёти форсу тоҷикро зарур диниста, тавсияҳои худро доир ба рушди паҳлуҳои гунонуни ҳамин қазия пешниҳод намудааст.

Бояд таъкид сохт, ки ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда муайян намудани асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими фанни адабиёти тоҷик мебошад.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқоти* диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар доираи фаъолиятҳои гуногуни ӯ фароҳам омадааст:

- дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои файласуфону ҷомеашиносон ва равоншиносону педагогҳо роҷеъ ба зарурати тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди насли наврас ва таърифи нисбатан дақиқи мафҳуми таҳаммулпазирӣ пешниҳод шудааст;

- зимни омӯзиш ва таҳлилу баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда аз маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII, ки таълими ин фанҳо, асосан, дар доираи хониши адабӣ сурат мегирад, муаллиф таъкид намудааст, то ки дар ҳар як дарс ин ё он унсури таҳаммулпазирӣ аз тарафи омӯзгорон дар ниҳоди хонандагон парварида шавад;

- инчунин дар кор мавқеи хониши мустақилонаи асарҳои ниёгон, ҳамкории доимии мудирони китобхонаҳо бо омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва рушди хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон бо роҳи худомӯзӣ дақиқ гардидааст. Махсусан, ҷавобҳои хонандагони ба мутолиаи осори адабӣ машғулшуда шаҳодат медиҳанд, ки донишу малакаи таҳаммулпазирии онҳо тавассути худомӯзӣ низ рушд меёфтааст;

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* иборат аз он аст, ки барои тартиб додани барномаҳои нави таълимӣ ва маводи коркарднамудаи унвонҷӯ ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, ба омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар руҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур дар шакли як дастури роҳнамо мусоидат хоҳад намуд. Ҳамчунин, таҳиягарон ва муаллифон метавонанд дар нашрҳои баъдии барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳимми дар таҳқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст пешниҳод карда, дар ташаккул ва тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII барои ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан ҳалли мушкилиҳои зеринро зарур мешуморад, ки ин ҳама барои расидан ба ҳадафҳои гузошта бевосита метавонанд, кумак расонанд, агар:

- дар раванди таълими ҳар як мавзуи дарсии аз осори классикон баррасишаванда на танҳо мазмун, балки ғояи он мавзуъҳо низ ба хонандагон саҳеҳу дақиқ шарҳ дода шаванд;

- дар иртибот ба мазмуну мундариҷаи ғоявии бархе аз мавзуъҳои таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII аз ҳаёти имрӯзаи ҷомеа низ мисолҳои воқеӣ оварда шавад;

- истифодаи технологияи ҷадиди таълиму тарбия дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон мусоидат кунад;

- омӯзгори фанни адабиёти тоҷик дар баробари дорои салоҳияти хуби тахассусиву касбӣ будан дар ҷодаи таҳаммулпазирии воло бархурдор бошанд, яъне дар ин росто барои хонандагон намунаи ибрат бошад.

*Сохтори диссертатсия* аз муқаддима, ду боб ва 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, дар боби якум ("Асосҳои педагогиву психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои V-VII") ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳақиқон; адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзуи таҳқиқот; инъикоси ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китоби дарсӣ таҳлил ва баррасӣ шудааст. Вале мебояд таъкид сохт, ки гарчи дар фасли аввали боби I, тибқи таҳлили фарҳангҳои гуногун, мафҳум ё худ маънои мухталифи таҳаммулпазирӣ шарҳу тафсир дода шуда бошад ҳам, онҳо ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳи таҳаммулпазириро фаро намегиранд. Аммо дар ин ҷода, асосан, ба Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, ки 16 ноябри соли 1995 бо ризоияти 185 давлат аз тарафи ЮНЕСКО қабул карда

шудааст, зиёда такя намудани муаллифи диссертатсияро мо бештар арзёбӣ менамоем.

Дар боби дуюм, ки “Вижагиҳои педагогии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII” унвон дорад, масъалаҳои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар доираи осори педагогиву ахлоқии ниёгони асрҳои X-XV, пеш аз ҳама, тибқи таҳлилу эзоҳи порчаҳои шеъриву насрии мутафаккирони барҷаста (Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Румӣ) баррасӣ гардидааст, ки муҳиммияти хосро доро мебошад. Аз ҷумла, муаллифи рисола чандин порчаҳои шеъри устод Рӯдакиро доир ба накӯкориву хирадмандӣ, дӯстиву рафоқат (Ниг.: ба саҳ. 82-84-и кор) таҳлил намуда, ҳамзамон, зимни таълими рубоии зерини ӯ:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ,

ки дар синфи V таълим дода мешавад, дар саҳифаи 84-и рисола, ҳамчун муроҷиат ба хонандагон, ин тавр афзудааст: “Абёти зерини адиб инъикосгари яке аз шартҳои таҳаммулпазирӣ мебошад. Мондагориву шафқат яке аз нишонаҳои хоксориву инсондӯстӣ ба шумор рафта, талқини ин ғоя барои наврасон дар радифи дигар сифатҳои неки инсонӣ муҳим мебошад.

Яъне, устод Рӯдакӣ дар ин рубоӣ аз хислатҳои неки инсонӣ ёдрас шуда, таъкид мекунад, ки ҳар як инсон бояд “бар сари нафси худ амир” бошад, шарафи худро ҳимоя карда тавонад. Инсони комил ва ё боақлу фаросат набояд, ки бар кӯру кар ва маъюб, ашхоси ноқисии ҷисмонидошта бо нигоҳи бад ва ё айбҷӯйӣ нигарад. Мардӣ на маънои лату кӯб кардани шахси бечора, балки маънои ба он фитода кумак расонданро дорад”.

Гуфтан ҷоиз аст, ки овардан ва таҳлилу хулосабарорӣ намудан аз осори адибони дигар, ки дар боло номбар намудем, дар кор басо бисёр буда, воқеан ҳам, барои тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон, ҳамчун манбаъҳои нишонрас истифода шудаанд.

Инчунин, дар фасли дувуму сеюми боби II таъсиси озмоиши муқарраркунӣ ва нақши он дар бобати муайян намудани сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII ва озмоиши таълимӣ ва нақши он дар бобати таъмини роҳу усулҳои самарабахши тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII мавриди таҳқиқу баррасӣ

қарор дода шуда, ҳамзамон, дурустии фарзияи ироашуда ва вазифаҳои дар раванди кор пешниҳодшуда дар доираи коркарди методии соатҳои таълимӣ ва натиҷабардорӣ аз ҷавобҳои хонандагон, ки дар раванди озмоиши таълимӣ ба даст омадааст, исбот карда шудааст.

Дар диссертатсия масъалаи баланд бардоштани сифати таълиму тадрис ва роҳҳои татбиқи амалии унсурҳои Консепсияи миллии тарбия, аз ҷумла, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ, тарбияи инсондӯстӣ, тарбияи хештаншиносӣ дар шароити кунунии омӯзишу парвариш яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои таълиму тарбия пазируфта шудааст. Мушкилии тарбияи насли навраси солимфикру бомаърифат бидуни ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ, ки аз инсондӯстиву ахлоқи ҳамида маншаъ мегирад, тасаввурнопазир аст.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи диссертант Бобоева Иноятхон Асроровна аз он башорат медиҳанд, ки дар кор фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд. Бахусус, дар асоси осори ниёгон ба роҳ мондани тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII дар доираи ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангии дар мактабҳои таҷрибавӣ ташкилшуда ва тавсияҳои ба омӯзгорон пешниҳодшуда самараи хуб дода, дурустии фарзияи кор дар раванди озмоиши таълимӣ тасдиқ гардидааст, ки ин ҳама, ба ақидаи муаллиф, танҳо дар сурати дорои талаботи ҷиддӣ, донишу фарҳанги баланди тахассусиву таҳаммулпазирӣ будани омӯзгорон амалӣ мегардад. Ба ибораи дигар, беҳтарин ғояҳои инсонгароёна ё худ таҳаммулпазирро дар ниҳоди хонандагон танҳо омӯзгори бомаърифати дорои хислатҳои волои таҳаммулпазир, таҷриба ва салоҳияти комили педагогӣ буда парварида метавонад.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот ва марҳилаҳои он дар давоми солҳои 2017-2021 дар сатҳи зарурӣ – дар асоси маводи фанни адабиёти тоҷик ва таҷрибаҳои амалии гузаронида дар мактабҳои базавии интихобкардаи муҳаққиқ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Спитамен таъсис дода шудаанд, баррасӣ шудааст.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлили густардаи адабиёти педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда имкон пайдо кардааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои самараноки татбиқи таълими ба сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар синфҳои V-VII ба таври амиқ таҳқиқ ва хулосаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намояд.

Қисмати ҷамъбастии диссертатсия, ки ба натиҷаҳо ва хулосаҳои умумӣ оид ба самаранокии сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли синфҳои V-VII бахшида шудааст, аз он дарак медиҳанд, ки ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар заминаи таълими осори ахлоқии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таваҷҷуҳи бештарро тақозо дорад. Инчунин дар замони муосир низоми арзишҳо, фазилатҳои инсонӣ, ҳусни ахлоқ дар шароити мухталифи иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, синнусолӣ, касбӣ ва ғ. меъёри рафтор, муносибати мутақобилаи инсонҳо, муносибат ба оламро муқаррар менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд барои муттаҳид кардани муҳассилин, нигоҳ доштани ягонагии фазои ҷамъиятӣ-фарҳангии хонандагон, рафъи нофаҳмиҳои этникиву миллии насли наврас бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Тадқиқи осори шоирону мутафаккирони асрҳои X-XV бобати истифода дар раванди таълиму тарбия гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки ақидаҳои таҳаммулпазирӣ дар офаридаҳои ҳамаи бузургони адабиёти тоҷик ба ин ё он дараҷа ба чашм мерасанд, вале зуҳуроти онҳо бештар дар мероси адабии чаҳор мутафаккир ва шоири барҷастаи қарнҳои X-XIII – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъди Шерозӣ ва Ҷалолуддини Румӣ боризтар аст. Аммо, сарфи назар аз ин, таҳаммулпазирӣ бештар дар заминаи арзишҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ, аз қабили худшиносӣ, инсондӯстӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, раҳму шафқат, пӯшидани айбу нуқсон сурат гирифта, роҷеъ ба ин сифатҳои инсонӣ дар осори классикони форсу тоҷик ҳикоёти ҷолиб ва садҳо панду андарзи ҳакимона баён гардиданд, ки ин нукта низ дар кор аз диди муҳаққиқ дур намондааст.

*Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот* дар он аст, ки бори аввал зимни таълими адабиёти тоҷик рушду ташаккули тарбияи таҳаммулпазириро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хоса, барои хонандагони синфҳои V-VII-ро воқеъбинона асоснок намудааст; дар интихоб ва шарҳу таҳлили матнҳо аз осори классикони варзидаи адабиёти форсу тоҷик, ки тибқи пешниҳоди барномаи таълим ба китобҳои дарсии синфҳои номбурда ворид шудаанд, ба маҳорати баланди илмӣ-педагогӣ арзёбӣ кардааст; дар омода намудани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва хонандагони синфҳои V-VII муассисаҳои таҷрибавӣ оид ба ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунӣ ва таълимӣ саҳм гузоштааст; тибқи омӯзиш ва таҳлили

асноди зиёди ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, фарҳангҳо ва тадқиқоти олимони соҳаҳои гуногун оид ба мазмуну моҳияти фарҳанги таҳаммулпазирӣ рӯшанӣ андохтааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои асосии диссертатсияро басо мушаххас фаро гирифта, тасаввуроти ҳар хонандаи соҳаро метавонад, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф равшан намояд. Ҳамчунин, мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ муҳтавои асосии ҳамин таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эрод ва камбудиҳои таҳқиқот.**

1. Номгӯи фасли дувуми боби I, ки дар саҳифаи 16-и автореферат ироа шудааст, бо номгӯи ҳамин фасл, ки дар диссертатсия, дар саҳифаи 45 оварда шудааст, мувофиқат намекунад, ки ин нукта бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад.

2. Ихтисораи ЮНЕСКО борҳо дар кор дида мешавад, аммо боре ҳам тафсири он пешниҳод нашудааст.

3. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои услубии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи омӯзгорон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна омода карда шудааст.

(Қарори ҷаласаи кафедра №6 аз 25 январи соли 2023).

Тақризи муассисаи пешбар дар доираи натиҷаи ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ки дар ҳузури 26 нафар устодони ҳар ду кафедраи донишгоҳи мазкур довталаби дараҷаи илмӣ Бобоева Иноятхон Асроровна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 26 нафар, "бетараф" – нест, "муқобил" – нест. (Қарори ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогика ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 25 январи соли 2023, №6).

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
педагогика, номзади илмҳои педагогӣ — Бобоева Г.Ш.

Мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
тоҷик, номзади илмҳои филологӣ — Муродов А.А.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, — Сидиқова З.К.

Котиби ҷаласа
номзади илмҳои педагогӣ — Каримова М.М.

**Маълумот барои тамос:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; Тел: +992 900.43.44.43
E-mail: boboevagulbahor@gmail.com

Имзои Ш. Г. Бобоева, А. А. Муродов, З. К. Сидиқова ва М. М. Каримоваро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ-и
МДТ "ДДБ ба номи Н.Хусрав" — Шукурзод Ҷ.А.

25.01.2023